**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи “Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2025. – 179 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илм.** Пажӯҳиши диссертатсионии Саъдуллозода Исматулло Саъдулло ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми адабиётшиносии тоҷик – “Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ” бахшида шуда, ба бандҳои 9 ва 10-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01– Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат мекунад.

Банда ҳамроҳ бо М. Имомзода аввалин тақризро ба нахустин китоби ашъори Алимуҳаммад Муродӣ – “Дастниҳол” навишта, гӯё бо ҳамин ба ҳамсоли худ дуо дода будем. Дар маҷмуа мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи ашъор хеле хуб ҷой гирифта буданд. Алимуҳаммад Муродӣ дар муддати тӯлонӣ  ҳамчун шоири маъруф шинохта шуда, ба камол расид, китобҳояш дар дохилу хориҷи кишвар маҳбубият пайдо карданд. Алҳол ӯ ҳамчун яке аз беҳтарин шоирони замони худ шинохта мешавад. Аз ин ҷост, ки мавзуи таҳқиқшавандаро метавон яке аз **мавзуъҳои мубрами илми адабиётшиносӣ** донист. Ҳоло устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар бораи эҷодиёти шоир бо унвони “Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ” рисолаи илмӣ таълиф кардааст, ки **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад. Муаллифи рисола ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти манзуми ин шоири шинохтаи тоҷикро ба таҳқиқ гирифта, ӯро яке аз беҳтарин шоирони замони муосир ба қалам додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Ашъори Алимуҳаммад Муродӣ бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ ба таҳқиқ мерасад. Он аз ҷиҳати мазмуну мухтаво тамоман нав буда, рӯзгору осор, фаъолияти адабӣ ва ҳунари шоирии Алимуҳаммади Муродиро пурра фаро мегирад. Муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки ҳамаи эҷодиёти адибро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, ғоя, сабкҳои адабӣ, мансубияти жанрӣ, санъатҳои бадеӣ ва вазну қофия таҳқиқ намояд

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** аз он ҷиҳат аст, ки муаллиф вобаста ба  эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ қариб ҳамаи маводи илмиву назариявии  форсиву тоҷикӣ ва русиву аврупоиро омӯхта, ба эҷодиёти шоири тоҷик татбиқ менамояд. Маълумоту сарчашмаҳо мушаххас мебошанд. Ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди

натиҷаҳо, теъдоди интишорот ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат менамояд. Омӯзиши сарчашмаҳо, интихоби методҳои таҳқиқиву муқоисавӣ ва накду баррасии мавзуъҳои меҳварии бобу фаслҳо ба муаллиф имкон додааст, ки **хулоса ва тавсияҳои боэътимод** баровaрда, дурнамои мавзуи таҳқиқиро дуруст муайян намояд.

Диссертант ниҳоят ба хулосае меояд, ки шоири тоҷик бо навоварӣ ва тозакориҳои эҷодӣ дар байни адибони тоҷик ва форсизабонони ҷаҳон машҳур гардидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар омӯзиш ва пажӯҳиши минбаъдаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ замина мегузорад. Осори адабии Алимуҳаммад Муродӣ, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидааст, дар самти таҳлили татбиқии ашъори шоирони замони Истиқлол бисёр муфид аст. Диссертатсия **аҳаммияти амалии махсус** низ дорад ва ба маводи он ҳангоми таълиму тадриси улуми филологӣ, хусусан, самти адабиётшиносӣ такя намудан мумкин аст. Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур ба сифати нахустин рисолаи пажӯҳишӣ оид ба рӯзгору осор ва ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ба унвонҷӯёне, ки дигар самтҳои фаъолияти эҷодии адибро таҳқиқ кардан мехоҳанд, ёрии амалӣ расонида метавонад.

Муаллифи диссертатсия барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 9 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осори Алимуҳаммад Муродӣ, ҷанбаҳои мавзуии ашъори ӯ, таъини мухтассоти жанрии ашъор ва ҳунари нигорандагии шоир аҳаммияти махсуси илмӣ доранд ва эътимоднokанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат буда, беш аз бист паҳлуи эҷодиёти адибро фаро гирифта, 179 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст. Муаллиф дар баъзе мавзуъҳо ҷиддӣ ва бо эҳтимоми тамом мулоҳиза ронда, ба қисми зиёди зерфаслҳо васеъ ва пурдомана изҳори андеша менамояд.

Муқаддимаи диссертатсия тамоми бахшу зербахшҳои зарурирo фаро гирифта, дар асоси меъёру талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Диссертант дар боби аввал – “Рӯзгор ва осори Алимуҳаммад Муродӣ” оид ба ҳаёту эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ сухан рондааст. Ба фикри ӯ, Алимуҳаммад дар ҷавонӣ пас аз фавти падар (1953) азобу машаққатҳои зиёд кашид, бо вуҷуди ин, худро дар роҳи зиндагӣ ва таълим устувор нигоҳ дошт. Ҷавони мактабхон ҳамаи китобҳои бадеии дар интернат будаъро хонда, ба мустақилона навиштани таълифоти бадеӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ин аҳвол боиси ҷиддӣ ба эҷодиёт даромадани ӯ шудааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби аввал кӯшиш кардааст, ки мавзуи эҷодиёт, миқдори ашъор ва мазмуну мундариҷаи осори шоирро муайян кунад. Муаллиф хонандагонро бо миқдору муҳтавои маҷмуаҳои ашъори “Дастниҳол” (1983), “Нози Наврӯз” (1988), “Роҳи руҳ” (1993), “Хайрбоди баҳор” (2004), “Моҳи Хисрав”, (2012), “Боғи мурод” (2012), “Сунбулкон” (2018), “Шафақи шом” (2020) шинос менамояд. Мазмуну мундариҷа ва чандомади ашъори шоир асоси ин қисмро ташкил додааст.

Боби дувум “Ҷанбаҳои мавзуии ашъори адиб” ном дошта, муҳаққиқ асосан мавзуъҳои ватандӯстӣ (Эй Ватан, дар дилам меҳри поки ту сабз аст), бо таърихи гузаштаву ҳозираи миллӣ ифтихор намудан, ишқу муҳаббати пок доштан, муҳаббати модар ба фарзанд, инсондӯстӣ, сулҳу амният, ваҳдати башар, тарғиби ахлоқи ҳамида ва монанди инҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф муҳимтарин асарҳои назариявии вобаста ба мавзуъро мутолиа намуда, масъулият бар дӯш дошта, мавзуъҳои дар рисола гузошташударо аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам менамояд. Ва вобаста ба эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ба таърихи сарнавишти миллат, анъанаҳои аҷдодӣ, ҷашну оинҳои гузаштагонамон бафурсат мулоҳиза менамояд.

Исматулло Саъдуллозода мавзуъҳои бачагию наврасӣ, ишқу муҳаббат, ситоиши модар ва монанди инҳоро дар муқоиса бо эҷодиёти дигар шоирони тоҷик ва халқу миллатҳо: Эраҷ Мирзо, Мирзо Турсунзода, Шаҳриёр, Лоиқ, Сергей Есенин таҳқиқ менамояд. Мавзуъҳои мазкур ҳамчун ҷузъҳои муҳимми диссертатсия намудор шуда меистанд. Ҳамин хосияти ба мавзуъҳо пайванд овардани дигар адибон ва таҳқиқи эҷодиёти онҳо мавзуъҳои дар пеш гузоштаро пурбаҳо ва ғановатманд мегардонанд.

Муаллиф мавзуи ишқу муҳаббатро вобаста ба сабкҳои хурасониву ироқӣ ва ҳиндӣ дар эҷодиёти Абусаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ, Аттори Нишопурӣ, Соиби Табрезӣ ва дигарон санҷида, падидаҳояшро дар адабиёти муосир ва махсусан, эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ месанҷад. Ӯ ҳамчунон гӯшгузор менамояд, ки мазмунҳои ирфонӣ боиси

пурмаъно гардидан ва муфассал таҳқиқ шудани шеъри имрӯз шудааст. Мавзуъҳои эҷодиёти А. Муродӣ бо эҷодиёти шоирони муосир А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир дар муқоиса санҷида шудааст.

Боби сеюм “Хусусиятҳои жанрии ашъор ва ҳунари нигорандагии шоир” ном дошта, асоси назариявии диссертатсияро ташкил менамояд. Ҷавҳари фикру андешаҳои шоир маҳз дар ҳамин боб бештар нигошта шудааст. Диссертант дар пайдоиши шеъри нав фикру мулоҳизаҳои устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро асоси андешаҳои худ қарор додааст. Устод М. Шакурӣ марҳилаҳои пайдоиши шеъри навро вобаста ба китоби “Тазкори ашъор”-и Садри Зиё дар се давра муайян кардааст:

Якум, муаллиф нахустин аломати шеъри навро дар рӯ овардан ба сабки мардумӣ ва унсурҳои гуфтори олӣ, сухани омиёнаву маҷозҳои халқӣ, ташбеҳу истиораҳои забони халқӣ медонад.

Устод аломати дувуми шеъри навро дар мавзуъҳои тозаи замони нав, ормонҳои тозаи маорифпарварӣ, миллатдӯстӣ, озодандешӣ, навишта шудани “Суруди озодӣ”-и устод Айнӣ донистааст.

Устод Шакурӣ давраи севуми рушди шеъри навро аз солҳои шастум, аз навгироиву табаддулоти бузурги маънавии солҳои шастум ва пайрав шудан ба сохтору созмони шеъри Нимо ва шоирони охири асри бистум донистааст.

Диссертант ин мулоҳизаи устод Шакуриро, ки дар миёни донишмандон ҳанӯз васеъ интишор наёфта буд, оид ба шеъри нав ва хусусиятҳои тозаи эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ҷолиб баён менамояд.

Диссертант дар боби сеюми рисола муҳимтарин хусусиятҳои шеъри нав – шикастани мисраъҳо, кӯтоҳбаёнӣ, тағйир ёфтани вазну қофия ва рукнҳо, озодии шумораи мисраъҳо, риояи боло-пойин шудани рукнҳо, меъёри корбурди қофия, ба қисмҳо тақсим шудани мисраъҳо, таснифи чаҳорпораҳо, ба шеъри Эрон майл доштани А. Муродӣ, шакл ва мазмуни ҷудогонаи шеъри нав ва афоризмҳои халқиро муайян мекунад.

Ҳамчунин, камтар аз ду рукн ва бештар аз чаҳор рукн доштани шеър, ҷойи мушаххас надоштани қофия, ба хизмати шеъри нав кашидани шеъри суннатӣ, сухани ҳикматноки фалсафӣ, тарзи баёни сабки ҳиндӣ, ҷараёни табиии забон, шикастани вазн, тақсим шудани мисраъҳо, мувофиқати вазн бо теъдоди рукнҳо, ба эҳсосу андеша имкони бештар додани арузи нав, ба наср наздик намудани шеъри нав, аз қолибҳои ҳазорсолаи классикӣ ҷудо шудани шеъри замони муосир, озодии шумораи мисраъҳо, номуназзамии рукну ҳиҷоҳо, ҳунар ва

маҳорати нигорандагии адиб, ба ҳар мақом кашидани шеър мушаххас нигошта шудааст.

Муаллиф сухани А. Шеърдӯстро мисол меорад, ки вай навиҳои эҷодиёти А. Муродиро аз шеъри нави Эрон медонад. Диссертант бо банда низ мувофиқа кардааст, ки саргаҳи шеъри навро аз Ӯрупо, аз “Марселйеза” ва “Суруди озодӣ”-и устод Айнӣ донистаам. Чаҳорпораро як намунаи мусаммат медонам, ки баъд шаклҳои гуногуни банд ва соҳиби қофияҳои гуногун шудааст. Муаллиф ба таҳаввулу ташаккули шеъри гузаштаву ҳозира ҷиддӣ мулоҳиза карда, ҳамаи дигаргуниҳо дар шеъри муосири тоҷик аз банд ба вуҷуд омада ва дар дохили банд рахнагиҳо ба вуҷуд оварда медонад.

Фасли дигари рисола “Ҳунари нигорандагии шоир” ном дошта, муаллиф дар бораи сувари хаёл ва аруз, навгониҳои шеъри нимоӣ мулоҳизаҳои ҷолиб баён менамояд. Диссертант дар ин маврид ҳам кӯшиш менамояд, ки хосиятҳои арузро дар шеърҳои нимоии А. Муродӣ хуб тавзеҳ диҳад. Ба мулоҳизаи ӯ, А. Муродӣ мавзуъҳои гуногуни ҳаёти халқамонро маҳз бо шеърҳои нимоӣ ифода менамояд. Вай ҳамаи паҳнову шоистагиҳои эҷодиёти А. Муродиро бафурсат таҳқиқ менамояд. Санъатҳои бадеии истиора, маҷоз, ташбеҳу тавсиф, ташхис, талмеҳу тазод, муболиға, суолу ҷавоб вобаста ба ҳунари нигорандагии эҷодиёти шоир ба таҳқиқ расидаанд. Оид ба вазни ашъори А. Муродӣ баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтасс, раҷаз, хафиф ва музореъро маъмултарин вазнҳои ашъори А. Муродӣ медонад. Аз рӯйи нишондоди муаллиф маъмултарин вазнҳо ҳазаҷу рамалу музореъ ва хафиф мебошанд, лекин нишон додани сабабҳо номаълум мондааст. Муаллиф оид ба санъатҳои бадеӣ ва вазни ашъори А. Муродӣ маъхазҳои зиёд омӯхта, иқтибосҳо оварда, хулосаҳо меорад.

Тоҷикон ашъори кӯтоҳи худро дар зарбулмасалу мақол, фардбайтҳо, байту бандҳои ҷудогона ифода менамоянд. Диссертант онҳоро дар номҳои аслӣ ва ба унвони хусравонӣ ифода кардааст. Ниҳоят, муаллиф аз беҳтарин асарҳои танқидиву адабиётшиносӣ ва назариявии гузаштаву ҳозира фаровон истифода кардааст.

**Хулоса,** диссертатсия дар асоси маводи зиёди амаливу назарӣ бо майлу ҳаваси тамом навишта шудааст. Банда аз мутолиаи рисолаи дар бораи ҳаёту эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ навиштащуда қаноатманд мебошам. Баъзе қайдҳоям аз инҳо иборат мебошанд:

1. Рисолаҳои банда – “Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он” (1980), “Ақидаҳои адабӣ ва назари эстетикии устод Айнӣ”, “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар шеъри форсу тоҷик” (нусхаи форсии он, Эрон, 2018), ки дар бораи назарияи шеъри форсии тоҷикӣ

навишта шуда, оид ба ашъори суннатӣ ва шеъри нав ҷавобгӯ мебошанд, аз назари муҳаққиқ дур мондаанд. Дар аснои нашри рисола онҳоро ба назар бигиранд.

2. Рисола аз аввал то охир ҳисобу китоби риёзӣ дошта, миқдору шумури ашъор бо мисолҳои риёзии мисли "Математика ва шеър", чунонки аз ин усул устодон М. Турсунзода ва Р. Амонов дар навиштаҳояшон истифода кардаанд, таҳқиқ шавад, ҳусни рисола меафзуд.

3. Сатҳи сухани муаллиф дар боби дувум бештар оҳанги публисистӣ гирифтааст.

Ин камбудиҳои ҷузъӣислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар сатҳи зарурии илмиву пажуҳишӣ таълиф шудааст ва мақсаду вазифаҳои гузоштошуда бомуваффақият иҷро гардидааст.

Автореферат ва 7 мақолаи интишоршудаи муаллиф, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат мпенамояд.

Нашри таълифоти илмӣ ва коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия **ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** ҷавобгӯ мебошанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мақсади муайян, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби баён, масъалагузорӣ, баррасӣ, таҳқиқ ва мақолаҳои илмӣ аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи "Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ" ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сарходими илмии шуъбаи адабиёти

муосири ба номи Рӯдакии АМИТ
Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович
25 августи соли 2025.
Суроға: 734021. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи И.Сомонӣ 61-1, ҳуҷраи 10
Тел.: (–992) 93 418 66 48.
E–mail: shohzamon–46@mail.ru
Сомона: rtsti.tj

Имзои Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодировичро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Суроға: 734021. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 21,
Тел.: 2-21-60-11
E–mail: noila@internet.ru
“26” августи соли 2025